# ДАСТУР ВА НАМУНАИ МУРОҶИАТҲО ВОБАСТА БА ТАРТИБИ МУРОҶИАТ БА КОРХОНАҲО, МУАССИСАҲО ВА ТАШКИЛОТҲО, НОВОБАСТА АЗ ШАКЛИ ТАШКИЛИЮ ҲУҚУҚӢ

Барои танзими раванди муроҷиати шаҳрвандон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ", қабул шудааст. Шахс ҳуқуқ дорад шахсан ё якҷоя бо дигарон ва (ё) тавассути намояндагони ваколатдори худ ба мақомоту ташкилот муроҷиат намояд.

## Дар хотир бояд дошт!

Шахс метавонад, дар шаклҳои зерин ба мақомоту ташкилот муроҷиат намояд:

- шифоҳӣ;
- хаттӣ;
- электронӣ;
- телефонӣ (мобилӣ).

## Муроҷиатҳои хаттӣ бояд дорои маълумоти зерин бошанд:

- насаб, ном, номи падар;
- суроғаи маҳалли истиқомат;
- маълумот оид ба маҳали воқеии истиқомат (агар чунин ҳолат ҷой дошта бошад);
- муҳтавои муроҷиат;
- имзо.

## Бояд донист!

Ба муроҷиатҳое, ки аз тарафи намояндаи шахс пешниҳод карда мешаванд, ҳуҷҷати тасдиққунандаи ваколати намоянда (ваколатнома) ҳамроҳ карда мешавад.

Аризадиҳанда барои тасдиқи навиштаҳояш ҳуҷҷатҳо (мавод) ё нусхаи онҳоро ба муроҷиати хаттиаш метавонад ҳамроҳ намояд.

## Муроҷиатҳои электронӣ бояд дорои маълумоти зерин бошанд:

- насаб, ном, номи падари шахс;
- суроғаи почтаи электронӣ;
- муҳтавои муроҷиат;
- имзои электронӣ рақамӣ.

Дар муроҷиати электронӣ шахс метавонад ба таври иловагӣ, суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ, рақами факс, рақами телефон ва дигарҳоро қайд кунад.

## Шахс, зимни муроҷиати телефонӣ (мобилӣ) ба мақомот ва ташкилот бояд маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда;
- суроғаи маҳалли истиқомат;
- рақами телефон (мобилӣ);
- муҳтавои муроҷиат;
- суроғаи почтаи электронӣ, агар бошад.

### Донистан зарур аст!

Барои аз ҷониби шахс пешниҳод намудани муроҷиат дар шакли ариза, дархост ва ё таклиф муҳлат муқаррар карда намешавад, вале дар мавриди пешниҳод намудани шикоят он метавонад дар муддати се сол аз рӯзи огоҳ шудани шикояткунанда оид ба вайрон гардидани ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонуниаш пешниҳод гардад.

## Гузаштани мӯҳлати муроҷиат

Дар сурате ки агар шахс, шикояти худро дар муддати се соли пешбинишуда бо сабабҳои узрнок пешниҳод карда натавонад ӯ имконият дорад муҳлати гузаронидашударо барқарор намояд. Муҳлати бо сабабҳои зерин гузаронидашуда метавонад аз ҷониби роҳбари мақомоту ташкилоти ба он муроҷиатнамуда, барқарор карда шавад:

- бемории вазнин;
- маъюбӣ;
- сафари хизматии дарозмуддат;
- ва ғайра, ки бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ гардидаанд.

## Муҳлати баррасии мурочиатҳо

Мурочиатҳо дар давоми **сӣ рӯз** аз рӯзи ба қайд гирифта шуданашон баррасӣ карда мешаванд. Мурочиатҳое, ки омӯзишу таҳқиқи иловагиро талаб намекунанд, дар муҳлати **понздаҳ рӯз** аз рӯзи ба қайд гирифта шуданашон.

Дар ҳолатҳои истисноӣ, инчунин бинобар зарурати талаб карда гирифтани маълумотҳои иловагӣ, роҳбари мақомоту ташкилоти дахлдор ҳуқуқ дорад муҳлати баррасии мурочиатро ба муддати **на зиёдтар аз сӣ рӯз** дароз намуда, дар ин хусус ба мурочиаткунанда дар муҳлати се рӯз хабар диҳад.

## Мурочиатҳои хаттӣ метавонад дар ҳолатҳои зерин бе баррасӣ монанда шаванд, агар:

- тавассути намояндагони шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод гардидаанд, вале онҳо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ваколатҳояшонро надоранд;
- мурочиатҳои хаттӣ ва электроние, ки дар онҳо насаб, ном, номи падари шахси воқеӣ, маълумот дар бораи суроғаи маҳалли истиқомат зикр нашудаанд ё хато нишон дода шудаанд, инчунин бе имзо (имзои электронӣ) пешниҳод шудаанд;
- ҳангоми қабул намудани мурочиатҳои хаттие, ки дар он ифодаҳои қабеҳ ё таҳқиркунанда, таҳдид ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк баён гардидаанд;
- агар хондани матни мурочиатҳои хаттӣ ғайриимкон бошад;
- ҳангоми қабули шахсӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти мурочиаткунанда ё намояндаи ӯ пешниҳод карда нашаванд;
- дигар талаботҳо, ки дар моддаҳои 9-12 Қонуни ҶТ “Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” пешбинӣ шудаанд, риоя нашуда бошанд.

### Дар хотир дошта бошед!

Роҳбарони мақомоту ташкилоти дахлдор уҳдадор мебошанд, ки мурочиати шахсро дар муҳлати пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” баррасӣ намуда, аз натиҷаи баррасӣ ва қарори қабулнамуда, ба мурочиаткунанда расман посухи хаттӣ диҳанд.

## Норозигӣ аз натиҷаҳои баррасии муроҷиат ва риоя накардани тартибу муҳлати баррасии он

Ҳангоми қанотманд набудан аз натиҷаи баррасии муроҷиат, муроҷиаткунанда метавонад ба мақомоти болоӣ ва (ё) суд аз амал ё беамалии шахсони баррасикунанда шикоят намоянд, (м.16 Қонуни ҶТ дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ).

### Бояд донед!

Дар сурати риоя нагардидани тартибу мӯҳлати баррасии муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар моддаи 87 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ, ҷавобгарӣ пешбини шудааст. *«Барои ғайриқонунӣ рад намудани баррасии муроҷиатҳо, бидуни сабабҳои узрнок риоя накардани тартибу мӯҳлати баррасии онҳо, қабул кардани қарори беасос, ки боиси вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гардидааст, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят:*

- *ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад».*

Дар сурати риоя нашудани тартибу муҳлати баррасии муроҷиат, шахс метавонад ба мақомоти прокуратура муроҷиат намуда, дар ҳолати муайян гардидани ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, нисбати шахсони мансабдори мақомоту ташкилотҳои дахлдор чораҳои қонунӣ андешида мешавад.

## Бозпас гирифтани муроҷиат

Шахс метавонад, то моҳиятан баррасӣ гардидани муроҷиаташ оид ба бозпас гирифтани он дархост намояд.

## Диққат!

Дар зер намунаи муроҷиатҳо (ариза, дархост, таклиф ва шикоят) пешниҳод шудаанд. Ҳангоми зарурат Шумо метавонанд, аз рӯи намунаҳои овардашуда, яке аз тарзи муроҷиат - ро вобаста ба масъалаи худ интихоб намуда, ба мақомоти дахлдор  муроҷиат намоед.

*Намунаи умумии муроҷиат*

**Ба** (номи корхона, муассиса ё ташкилот)

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**АРИЗА (дархост, таклиф, таклиф, шикоят)**

*(Зикр намудани мӯҳтавои муроҷиат)*____________________________________________

______________________________________________________________________________

______________________________________________________________________________

______________________________________________________________________________

______________________________________________________________________________.

**Замима:**

1. ______________________________;
2. ______________________________;

**Аризадиҳанда:** ________________ __. __.  ________________

(ному насаб) (имзо)

"_____"________________ _______

(санаи пешниҳод намудани муроҷиат)

*Намунаи ариза*

**Ба Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

## АРИЗА

Дар баробари аризаи мазкур ба маълумоти Шумо мерасонам, ки ман дар манзили истиқоматии воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Испечак, хонаи ___, ҳуҷраи ___, ҳамчун аъзои оила зиндагони мекардам, вале айни замон маро аз манзили мазкур бо фарзандонам пеш кардаанд.

Соҳибмулки манзили истиқоматии мазкур бо мақсади ба манзили истиқоматии зикршуда маскун нашуданам, манзили истиқоматиро ба фурӯш гузошта, ҳуқуқҳои ман ва фарзандонамро ба инобат намегирад.

Ман мақсад дорам, ки ба суд дар бораи аъзои оилаи соҳибмулк эътироф намудан ва ба қайди зисти манзил гузоштанамон муроҷиат намоям.

Мутобиқи талаботи қисми 4-и моддаи 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нотариати давлатӣ", ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ дар ҳолатҳои ба миён омадани баҳс оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда то ба суд муроҷиат намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси аризаи шахси манфиатдор мумкин аст ба муҳлати даҳ рӯз боздошта шавад. Агар дар давоми ин муҳлат дар бораи ба истеҳсолоти судӣ ворид шудани ариза хабар нарасад, амалиёти нотариалӣ ба ҷо оварда мешавад. Дар сурати аз суд гирифтани хабар дар бораи ворид гардидани аризаи шахси манфиатдоре, ки ҳуқуқ ё далелеро баҳс менамояд ва шахси дигари манфиатдор тасдиқ кардани онро хоҳиш мекунад, ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ то аз тарафи суд баррасӣ намудани парванда боздошта мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо дастрасии моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ", аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки нисбати манзили истиқоматии воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Испечак, хонаи ___, ҳуҷраи ___, ба муҳлати 10 (даҳ) рӯз, то аз ҷониби ман ба суд пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ ва то аз тарафи суд нисбати манзили мазкур ҳабс гузоштан, ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ вобаста ба манзили истиқоматии воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Испечак, хонаи ____, ҳуҷраи _____ - ро боздошт намоед.

**Замима:**

1. Нусхаи шиноснома.

**Аризадиҳанда:** __________________ __. __.　　　　　　__________________

(ному насаб)　　　　　　　　　　　　　　　　(имзо)

"_____" __________________ ________

(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намунаи дархост*

**Ба Раиси ноҳияи Синои шаҳри Душанбе,**
**Муҳтарам** ______________________ ___. ___.

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**Д А Р Х О С Т**

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки ман қаблан ба унвонии Шумо бо ариза нисбати амалҳои ғайриқонунии роҳбарияти Шуъбаи манзилию коммуналии №1 ноҳияи Синои ш. Душанбе муроҷиат намуда будам.

Дар давраи баррасии муроҷиати ман, аз тарафи роҳбарияти Шуъбаи манзилию коммуналии №1 ноҳияи Синои ш. Душанбе амалҳои ғайриқонунӣ бартараф гардида, талаботҳои ман ба инобат гирифта, қонеъ карда шуд.

Айни замон ман нисбати роҳбарияти Шуъбаи манзилию коммуналии №1 ноҳияи Синои ш. Душанбе ягон арзу шикоят надорам.

Бинобар ин, дар асоси талаботи сархати 7 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки муроҷиати ман бозпас гардонида шавад.

**Аризадиҳанда:** __________________ __. __. __________________
(ному насаб) (имзо)

“_____” ____________________ _______
(санаи пешниҳод намудани дархост)

*Намунаи шикоят*

**Ба Прокурори ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**ШИКОЯТ**

Дар баробари аризаи мазкур ба маълумоти Шумо мерасонам, ки барои барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолгардидаам, ки дар ғайриқонунӣ хомӯш кардани қувваи барқ мебошад, ба роҳбарияти Шабакаҳои фурӯши барқи ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе муроҷиат намуда будам.

Роҳбарияти Шабакаҳои фурӯши барқи ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе уҳдадор буд, ки муроҷиати маро дар муҳлати пешбининамудаи Қонун баррасӣ намуда, аз натиҷаи баррасӣ ва қарори қабулнамуда, мутобиқи банди 4, қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, ба ман расман посух медод.

Аммо аз тарафи роҳбарияти Шабакаҳои фурӯши барқи ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе муроҷиати хаттии ман ба таври дахлдор баррасӣ нагардида, қарори дахлдор қабул нагардида, ба ман аз натиҷаи баррасӣ ва қарори қабулнамуда, расман посух дода нашудааст.

Мутобиқи талаботи моддаи 87 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои риоя накардани тартибу муҳлати баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо дастрасии моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки нисбати амал (беамалӣ)-и роҳбарияти Шабакаҳои фурӯши барқи ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе чораҳои қонунӣ бинед.

**Замима:**

1) Нусхаи шиноснома;
2) Нусхаи муроҷиати хаттӣ ба Шабакаҳои фурӯши барқи ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе.

**Аризадиҳанда:** ________________ __. __.                    ________________
(ному насаб)                                        (имзо)

“____” ________________ ______
(санаи пешниҳод намудани шикоят)

*Намунаи шикоят*

**Ба Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**ШИКОЯТ**

**Нисбати амал (беамалӣ)-и нотариуси давлатии ноҳияи Синои ш.Душанбе**

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки дар асоси моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" ва қисми 4-и моддаи 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нотариати давлатӣ", ба Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои ш. Душанбе, дар бораи ба муҳлати 10 рӯз боздошт намудани ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ вобаста ба манзили истиқоматии воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Испечак, хонаи____, ҳуҷраи_____, муроҷиат намуда будам.

Аз тарафи нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои ш. Душанбе, дар асоси қарор аз санаи 10.01.2024 сол, муроҷиати ман оид ба боздошт намудани ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ, рад карда шуд.

Бо қарори қабулнамудаи нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои ш. Душанбе розӣ шуда наметавонам, зеро қарор бар хилофи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нотариати давлатӣ" қабул карда шуда, бо ин амал ҳуқуқҳои ман, ки дар моддаи 38 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, поймол карда шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо дастрасии банди 9 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ", аз Шумо,

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Қарори нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои ш. Душанбе аз санаи 10.01.2024 сол бекор карда шуда, Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои ш. Душанбе уҳдадор карда шавад, ки нисбати манзили истиқоматии воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Испечак, хонаи ____, ҳуҷраи ____, ба муҳлати 10 (даҳ) рӯз, ба ҷо овардани амалиёти нотариалиро боз дорад.

**Замима:**

1. Нусхаи қарори нотариуси давлатӣ аз санаи 10.01.2024 сол;
2. Нусхаи шиноснома.

**Аризадиҳанда:** ________________ __. __. ________________

(ному насаб) (имзо)

"_____" __________________ _______

(санаи пешниҳод намудани шикоят)